Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Собирзода Аловуддин Ҷабор дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.

Имрӯзҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба монанди дигар давлатҳои ҷаҳон, бо назардошти инкишофи ҷинояту ҷинояткорӣ яке аз масъалаҳои мубрам ин ташаккули мақомоти пурқудрату дорои иқтидори муқовимат ба олами ҷинояткорон мебошад. Дар баробари ин, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар тамоми ҷаҳон дар мадди аввал истода, ҷумҳурии мо ташаккули шакли давлати иҷтимоиро пеша намудааст. Бинобар ин, ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, ки яке аз мақомоти асосии ҳифзкунандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад, бе шубҳа мубрам аст.

Чуноне ки диссертант қайд менамояд, самаранокии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ бе баланд бардоштани сатҳи иҷтимоию иқтисодӣ ва молиявии кормандони он ғайриимкон аст ва муайян намудани омилҳои асосии танзими ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, ошкор намудани камбудиҳои ин самт ва бартараф намудани онҳо мувофиқи мақсад буда, мубрамияти мавзуи таҳқиқшударо собит менамоянд.

Навгонии илмии мавзуъ дар доираи асосҳои назариявӣ ва таърихӣ омӯзиши қонунгузории ватанӣ ва баррасии дурнамои рушди ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилиро дарбар мегирад. Аввалин кӯшиши ҳамаҷонибаи масъалаҳои танзими ҳуқуқии асосҳои ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ будани таҳқиқоти диссертатсионӣ навгонии илмии онро собит менамояд.

Мухтавои илмии асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудааст, баъзе ҷанбаҳои мусбии мавзуъро инъикос менамоянд. Аз ҷумла, муаллиф қайд намудааст, ки асосҳои ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ қисми муҳимми батанзимдарории ҳуқуқии чунин намуди

фаъолияти давлатӣ ба ҳисоб рафта, аз рӯйи таркиб мураккаб мебошад ва низоми меъёрҳои ҳуқуқиро ташкил медиҳад. Ҳамзамон, мафҳуми онро чунин муайян намудааст, ки маҷмуи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ буда, ба танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ равона карда шудаанд ва дар соҳаи таъмини иҷтимоии фаъолияти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба вуҷуд меоянд (саҳ.11).

Инчунин, пешниҳоди диссертант ҷиҳати муқаррарот оид ба ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳуқуқӣ, бо назардошти фарқияти мафҳумҳои “ҳифзи иҷтимоӣ” аз “ҳифзи ҳуқуқӣ”, дар моддаҳои алоҳида аниқ карда шуда, мафҳумҳои онҳо бошад дар муқаррароти умумии қонун шарҳ дода шаванд, қобили дастгирӣ аст (саҳ.14).

Бояд қайд намуд, ки дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, кори диссертатсионӣ дорои хулосаҳо ва пешниҳодҳои баҳсталаб низ мебошад.

Дар банди 2 муҳтавои илмии асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад, қайд гардидааст, ки маҷмуи кафолатҳо, ки мақсади онҳо таъмини некӯаҳволии моддӣ, маънавӣ ва ҷисмонии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад, низоми ҳифзи иҷтимоии онҳоро ташкил медиҳад.

Дар асл аз муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки диссертант таҳқиқоти илмии худро дар мавзуи ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ анҷом додааст ва маҷмуи кафолатҳои ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бошад метавонад доираи васеъро дарбар гирад.

Инчунин, ба андешаи мо, кафолатҳои кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар баробари мақсади таъмини некӯаҳволии моддӣ, маънавӣ ва ҷисмонӣ, мебояд рӯҳиро низ дарбар гирифта, муҳтавои мақсадҳои иброзгардида тафсир карда мешуданд (саҳ.12).

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки эроди ибрознамуда метавонад тафсилоти худро дар рисолаи илмӣ дошта бошад ва онҳо назари муаллифро талаб менамоянд.

Новобаста аз эроди ибрознамуда автореферати диссертатсияи Собирзода Аловуддин Ҷабор дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ» шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти гузаронидашуда мубрам буда, барои илми ватанӣ арзиш дорад.

Автореферати таҳқиқоти диссертатсионии Собирзода Аловуддин Ҷабор ба талаботҳои пешниҳодшавандаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021 таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, мутобиқат мекунад, муаллифи он бошад барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи

ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат арзанда мебошад.

Сардори шуъбаи кадрҳо, котибот ва
корҳои махсуси Кумита оид ба таҳсилоти
ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Назарзода Давлатхон

734012,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. Дустии халқҳо 94
Тел.: 902-77-66-22; 208-89-30-03.
E-mail: davlatxon-1986@mail.ru.

Имзои Назарзода Д.Қ.-ро «тасдиқ менамоям».
Сармутахассиси шуъбаи кадрҳо, котибот ва
корҳои махсуси Кумита оид ба таҳсилоти
ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатшозода Д.
«17» 10 соли 2024.